*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 71 (4811) | ДУШАНБЕ, 3 ИЮНИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**31-уми майи соли 2024 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғози маҷлис дар бораи «Барномаи рушди беҳдошти замин ва обёрӣ барои солҳои 2024-2028» директори Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ Зафарбек Давлатзода гузориш дод.

Таъкид гардид, ки мақсади асосии қабули ин барнома андешидани тадбирҳо вобаста ба фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, маблағҳои бахши хусусӣ, навсозӣ ва барқарорсозии иншооти гидротехникӣ ҷиҳати мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, обтаъминкунии устувор, тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, азхудкунии заминҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва ғайра мебошад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки сохторҳои марбута татбиқи барномаи мазкур ва нақшаи амали онро дар муҳлати муайяншуда ва бо ҷалби маблағҳои зарурӣ таъмин намоянд.

Сипас, дар бораи «Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027» вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода ҳисобот дод. Таъкид гардид, ки лоиҳаи қарори мазкур дар доираи дастуру супоришҳои Президенти кишвар бо мақсади пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ва ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ қабул шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати иҷрои «Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027» чораҳои зарурӣ андешанд.

Сохторҳои марбута, ҳамчунин, вазифадор шуданд, ки амалишавии саривақтии барномаҳои давлатии рушдро таъмин намоянд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, лоиҳаҳои як қатор қонунҳо, аз ҷумла лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» муҳокима гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Мутобиқи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» убури мусофирон аз хати сарҳад дар фурудгоҳҳо аз тариқи дарвозаҳои электронӣ сурат мегирад, ки боиси содагардидани низоми гузашт ва сарфаи вақт барои мусофирон ва ҳам сарҳадбонон мешавад.

Мақсад аз ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба рӯзҳои ид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон илова намудани Рӯзи телевизион мебошад.

Ҳамчунин, лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» муҳокима гардида, вобаста ба он қарори дахлдор қабул шуд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи аъзои Ҳукумат ва дигар масъулинро ба иҷрои ҳатмии масъалаҳои рӯзномаи маҷлиси имрӯза, супоришҳои қаблии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалисозии дастурҳои зимни мулоқотҳо бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин, инчунин, аҳли илм ва маорифи кишвар додашуда ҷалб намуданд.

Супоришҳои дигар, ҳамчунин, доир ба ҷамъоварии беталафи ҳосили саҳро, самаранок истифода бурдани техникаю технологияи муосири кишоварзӣ, васеъ ба роҳ мондани кишти такрорӣ дар заминҳои обӣ, таъмини фаровонҳосилӣ, захираи маҳсулоти хӯроквории ва инчунин, вусъати корҳои ободонӣ ба хотири истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

**www.prezident.tj**

## ТОҶИКИСТОН - ХОНАИ БИҲИШТОСОИ КӮДАКОН

**Табрикоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон**

**1-уми июни соли 2024**



**Ҳамватанони арҷманд!**

Мехоҳам, ҳамаи сокинони хурдсоли мамлакат, инчунин, волидон ва омӯзгорону мураббиёни онҳоро ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон аз сидқи дил табрик намоям!

Дар баробари кишварҳои ҷаҳон, масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва наврасон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» асосҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва кафолатҳои давлатии амалишавии онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, баҳри таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ҳисси баланди шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.

Дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва инсонпарваронаи мо вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ва аҳли ҷомеа аз фароҳам овардани муҳити ба кӯдакон созгор, таъмини зиндагии хушбахтона, таълиму тарбияи мукаммал ва муҳимтар аз ҳама, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон иборат мебошад.

Мо бояд тарзе кунем, ки Тоҷикистон ба хонаи умед ва макони биҳиштосои тамоми кӯдакону насли наврасии кишвар табдил ёбад. Барои ҳама калонсолон дар хотир доштан муҳим аст, ки кӯдакон ба муҳофизат ва ғамхории мо ниёз доранд.

Ба ҳамаи онҳое, ки фаъолияташон бо тарбия, таълим, ҳифзи иҷтимоӣ, рушди маънавӣ ва камолоти кӯдакон алоқаманд аст, изҳори миннатдорӣ намуда, ба онҳо саломатӣ, хушбахтӣ ва комёбиҳо таманно дорам.

**Рӯзи ҳифзи кӯдакон муборак, ҳамдиёрони азиз!**

## САФАРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН



**Дуюми июни соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии Шурои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ба шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон сафар карданд.**

Дар ин сафари корӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро раисони кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**2-юми июни соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии Шурои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (СААД) ба шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Алмаато Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро муовини Раиси Маҷлиси парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва намояндагони расмии Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.



**Сеюми июни соли 2024 дар шаҳри Алмаато дар ҳошияи ҷаласаи Шурои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ мулоқоти хосаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Раиси Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Вячеслав Володин баргузор гардид.**

Зимни суҳбат ҳолати имрӯза ва дурнамои муносибатҳои дуҷонибаи ҳар ду кишвар, инчунин, самтҳои афзалиятдори робитаҳои байнипарламентӣ, аз ҷумла дар доираи Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба масъалаҳои дигари мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

**Субҳи 3-юми июни соли равон дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Алмаато Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамроҳи роҳбарияти Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ва роҳбарони ҳайатҳои парламентии кишварҳои аъзои СААД дар маросими гулчанбаргузорӣ дар назди «Оташи ҷовидон»-и маҷмааи ёдгории «Шараф» иштирок карданд.**



**3-юми июни соли ҷорӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҷаласаи навбатии Шурои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар ҷаласаи Шурои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, ки таҳти раёсати Раиси Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Раиси Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Вячеслав Володин доир гардид, масъалаҳои мубрами рӯзномаи фаъолияти СААД мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни суханронӣ зикр карданд, ки фаъолияти муштараки кишварҳои аъзои СААД дар доираи Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ба самарабахшии ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар таъмини ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллии кишварҳои мо мусоидат менамояд.

Қайд гардид, ки дар замони шиддат пайдо кардани таҳдиду хатарҳои муосир, бахусус, терроризму экстремизм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ афзалияти тавсеа ва баланд бардоштани самарабахшии ҳамкориҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, ҳарбию техникӣ ва ҳарбию иқтисодӣ дар доираи СААД меафзояд.

(Давомаш дар саҳ. 2)



# САФАРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ таваҷҷуҳи аъзои Шурои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъиро ба таҳдидҳои эҳтимолӣ дар марзҳои ҷанубӣ бо Афғонистон ҷалб карда, таъкид намуданд, ки вазъияти мураккаби ин кишвар метавонад барои минтақаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ оқибатҳои манфии дарозмуддат дошта бошад.

Зимни суханронӣ, ҳамчунин, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ муҳимияти амалӣ намудани тадбирҳои муштаракро бобати таъмини амнияти фазои иттилоотии СААД ва пешгирии истифодаи ғаразноки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ аз ҷониби созмону гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ барои расидан ба ҳадафҳои харобиовари худ, зарур шумориданд.

Аз рӯи натиҷаҳои баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шурои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

**Нимаи аввали рӯзи 3-юми июни соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев бо роҳбарони ҳайатҳои парламентии кишварҳои аъзои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ иштирок намуданд.**

Зимни суҳбати самимӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев паёму таманниёти гарму самимонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро расонида, ба талошҳои ҷониби Қазоқистон дар давраи раёсати он дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ баҳои баланд доданд.

Изҳори итминон карда шуд, ки ҳамкории мутақобилан судманди кишварҳои аъзои СААД дар доираи Ассамблеяи парламентӣ ба таъмини самаранокии СААД дар ҳама самтҳои фаъолияти он мусоидат хоҳад намуд.

**3-юми июни соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ баъди иштирок дар ҷаласаи навбатии Шурои Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ аз шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ватан баргаштанд.**

**www.majmilli.tj**

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН



**Сеюми июни соли 2024 таҳти раёсати муовини аввали Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд», «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд», «Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд», «Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд» ва «Дар хусуси тағйироту илова ба моддаи VI ва моддаи XIV. А Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ» баррасӣ гардида, барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

**«Садои мардум»**

# ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА. 200 ҲАЗОР КӮДАК БА ИСТИРОҲАТГОҲ МЕРАВАНД

**Бино ба иттилои муовини директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ Саидҳофиз Шаболов, ҳамасола бо мақсади ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон қарори дахлдори Ҳукумати кишвар ба тасвиб расида, дар буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи муайян ҷудо мешавад. Соли 2024, ба ин мақсад, 4 млн. 500 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.**



Дар ин робита сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазифадор шуданд, ки то 1-уми июни соли 2024 таъмиру тармим, муҷаҳҳазгардонии бино, майдончаҳои варзиш, кабудизоркунию ниҳолшинониро дар истироҳатгоҳҳои берунашаҳрӣ ба анҷом расонанд.

Соли равон дар вилояти Суғд 10 истироҳатгоҳи берунашаҳрӣ бо фарогирии 6020 кӯдак фаъолият мекунанд. Ҳамчунин, дар 596 муассисаи таълимии шаҳру ноҳияҳо бо ҷалби 30450 хонанда истироҳатгоҳи наздимактабӣ ташкил мегардад.

Тибқи нақшаи тасдиқнамудаи раиси вилояти Хатлон, соли равон 191 ҳазору 290 кӯдак ба истироҳати тобистона фаро гирифта мешаванд. Аз ҷумла, муассисаҳои томактабӣ - 29200 нафар, интернатӣ - 6310, таълимӣ -22300, истироҳатгоҳҳои меҳнатӣ - 12060, варзишию беҳдоштӣ - 17680, фароғатӣ – таълимӣ - 9756 ва истироҳатгоҳҳои берунашаҳрӣ 6180 нафарро ташкил медиҳад.

Имсол дар назди 37 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва дар заминаи Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе 6160 хонанда ба майдончаҳои солимгардонию тандурустии наздимуассисавӣ ҷалб мегарданд. Дар 4 истироҳатгоҳи берунашаҳрӣ - «Орзу» (ноҳияи Фирдавсӣ), «Зимчуруд» (ноҳияи Шоҳмансур), «Шарора» (ноҳияи И. Сомонӣ) ва «Гулхан» (ноҳияи Сино) 3792 нафар ба истироҳат фаро гирифта хоҳанд шуд.

- Дар ҷумҳурӣ 57 истироҳатгоҳи берунашаҳрӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 20-тои он дар тобеияти шуъбаҳои маориф ва 5 адад дар ихтиёри иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм мебошанд. Боқимонда ба сохторҳои гуногун тааллуқ доранд, - зикр кард Саидҳофиз Шаболов.

Ба гуфти ӯ, дар маҷмӯъ, имсол зиёда аз 200 ҳазор нафар кӯдакону наврасони ҷумҳурӣ ба истироҳату солимгардонӣ фаро гирифта мешаванд.

Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулҳия Нозакзода иттилоъ дод, ки тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2024 «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2024» роҳхатҳо ба кӯдакони ятиму бепарастор, аз оилаҳои камбизоат, болаёқат ва кӯдакони кормандони соҳаҳои гуногуни ҷумҳурӣ дода мешаванд. Тибқи банди 4 қарори мазкур, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳои дахлдор, ки дар тобеияташон мактаб-интернат дошта, барои аз ҳисоби маблағҳои буҷети суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақа ба истироҳатгоҳ фиристодани бошандагон имкон надоранд, бояд ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дархост пешниҳод намоянд.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ОЗМУНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ҶАМЪБАСТ ШУД

**31-уми майи соли 2024 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти Озмуни ҷумҳуриявии асари беҳтарин дар мавзуи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввали сентябри соли 2023 эълон шуда буд, чорабинӣ доир гардид.**

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ изҳор дошт, ки дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 ва вобаста бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани соли 2025 - «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2023, №1730 озмуни ҷумҳуриявии асари беҳтарин дар мавзуи «Соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» бо мақсади ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли масъалаҳои экологӣ, хусусан тағйирёбии иқлим, гармшавии глобалӣ, хушксолӣ, обшавии пиряххо ва ҳифзи манбаъҳои об, эълон гардид.

- Қобили зикр аст, ки масъалаҳои обу иқлим, махсусан, ҳифзи пиряххо дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд.

Тавре Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 22-юми декабри соли 2017  иброз намуданд: «Тибқи маълумот аз 14 ҳазор пиряхе, ки дар кишвари мо ба қайд гирифта шудааст, дар давоми 40 соли охир бо сабаби гармшавии иқлим ҳазор пирях аз байн рафтааст ва ин раванд солҳои охир босуръат идома дорад». Бо дарназардошти чунин вазъ, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида шудаанд, - зикр кард номбурда.

Бино ба гуфти ӯ, озмуни баргузоршуда дар мавзуи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» барои боло бурдани маърифати экологии аҳолӣ хеле ҷолиб мебошад.

Қобили зикр каст, озмун дар як давр, аз 1-уми сентябри соли 2023 то 1-уми майи соли 2024 баргузор шуда, маросими қадрдонии ғолибон ва иштирокчиёни фаъол дар арафаи Рӯзи байналмилалии ҳифзи муҳити зист ва рӯзи обуҳавошиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид.



Масъулони баргузории озмун Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рӯзномаи «Садои мардум» мебошанд.

Бино ба гуфти раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ, аз оғози эълони озмун то ҷамъбаст ба суроғаи Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби намояндагони воситаҳои ахбори омма, зиёиёну олимон, коршиносону мутахассисони соҳа, омӯзгорону донишҷӯён ва хонандагони мактабҳои ҳамагонӣ, дар маҷмӯъ, дар мавзуи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» 48 нафар довталаб аз шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бо 116 асару мақола, гузоришҳои телевизионӣ ва радиоӣ бо забонҳои давлатӣ (111), русӣ ( 4) ва англисӣ (1) роҳ ёфтанд. Дар байни иштирокчиёни озмун 5 нафар олимони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла 2 доктор ва 5 номзади илм, 25 нафар рӯзноманигори касбӣ, инчунин, унвонҷӯёну аспирантон, магистрону донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, кормандону мутахассисони соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, яхшиносӣ, обуҳавошиносӣ ва омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мебошанд.

Ғолибони озмун бо диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ қадр карда шуданд. Аз ҷумла, Муассисаи давлатии рӯзномаи «Инсон ва табиат» сазовори ҷойи якум дониста шуда, ғолибони ҷойи дуюм муовини якуми директори телевизиони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» Умед Шарифзод, Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сардори раёсати истеҳсоли филмҳои телевизионии телевизиони «Илм ва табиат» Маҳмадраҷаб Ҳанафияев муайян гардиданд. Муҳандиси Маркази яхшиносии Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Александр Пиров, Муассисаи давлатии рӯзномаи «Садои мардум», муҳаррири варзидаи радиои «Садои Душанбе» Дилбар Исматова, хонандаи синфи 8-и Литсей-интернати тоҷикӣ-русии Ҳотам ПВ-и шаҳри Ҳисор Беҳрӯз Гадоев, муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» Хуршед Шарифов (Хуршед Ховарӣ) ва сармутахассиси Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавлуда Шоҳиён сазовори ҷойи сеюм дониста шуданд.

Кормандони рӯзномаи «Садои мардум» – муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент Фарзона Файзалиева, муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, номаҳо, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа Фархунда Абдулҳакимова, хабарнигорони рӯзнома Шариф Ҳусейнов ва Раҳмоналӣ Ҳабибов ҳамчун иштирокчиёни фаъоли озмун бо диплом ва туҳфаи хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



# АСАРИ МОНДАГОРИ АСРОР ҲИФЗ МЕГАРДАД

**Дар доираи навсозии шаҳри Душанбе дар ҷои бинои собиқи телевизиони «Сафина» (собиқ бинои Филармонияи давлатии Тоҷикистон) маркази тиҷоратӣ бунёд меёбад. Тарҳи он замонавӣ ва зебо буда, ба шаҳр ҳусни нав зам хоҳад кард, аммо дар девори паҳлуи роҳи калони бино як асари нодири санъат мавҷуд аст, ки солҳои тӯлонӣ диққати ҳар роҳгузарро ба худ мекашад. Он наққошии ҷолиб рӯи санг тарроҳӣ шудаю муаллифаш рассоми зиндаёд Асрор Амирҷонов аст. Чанд сол пеш муаллифи ин сатрҳо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Асрор Амирҷонов китобчаи алоҳида таҳти унвони «Асрори пурасрор» нашр карда буд.**

Рӯзе марди куҳансоле ба суроғам омад ва худро Бурҳон Аминҷонов муаррифӣ кард. Баъд аз аҳволпурсӣ матлабашро баён намуд:

- Додари азиз, ман бародари рассоми машҳур Асрор Аминҷонов ҳастам. Ӯ дар айни камолоти умр аз дунё гузашт, вале аз худ нақши зиёде боқӣ гузошт. Маҳсули эҷоди Асрорро дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дидан мумкин аст. Синни ман ба ҷое расидааст, мехоҳам ҳаёти пурбаракату заҳматҳои мондагорашро рӯи коғаз биёрам, вале аз дасти ман ин кор намеояд. Аз шумо хоҳиш менамоям, ки ба ман кумак намоед.

Самимият ва азми қавии ин марди куҳансолро дида пешниҳодашро рад карда натавонистам. Дар баробари ин, омӯзиши ҳаёту фаъолияти ин эҷодкори шинохта барои ман ҳам ҷолиб буд. Ҳамроҳи амаки Бурҳон бо шахсони наздике, ки ӯро мешинохтанд, ҳамсуҳбат шудем, бойгонии оилавиашонро варақ задем ва маълумот ҷамъ овардем.

Яке аз хизматҳои мондагори Асрор Аминҷонов дар ободии шаҳри Душанбе бунёди лавҳа (панноӣ) девори собиқ Филармонияи давлатии Тоҷикистон (телевизиони «Сафина») мебошад. Маҳз, ҳамин кори ӯ ва шогирдонаш шуҳрати эҷодкорро боз ҳам баланд ва маҳбубияташро афзун намуд. Ин асар «Навои Шашмақом» унвон дорад ва соли 1973 анҷом дода шуд. Девори бо санг гулкоришуда ва тасвирҳои ҷолиби он таваҷҷуҳи ҳар бинандаро ба худ мекашад. Дар бунёди он ба А. Аминҷонов шогирдон ва ҳамкоронаш Константин Феодориди, Рита Скреплёва, Юра Чередниченко ёрӣ расонданд.

Баъд аз анҷоми ин кор дар бораи Асрор Аминҷонов ва асари нотакрораш матолиби зиёде чоп карданд. Аз ҷумла, рӯзномаи бонуфузи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») мақолаи адиби шинохта Абдулҳамид Самадро бо номи «Достони сангҳо» ба табъ расонд. Нависанда дар мақолааш оид ба асари «Навои Шашмақом» ва дигар паҳлуҳои эҷодии рассом ҳикоя карда, аз ҷумла, қайд намудааст: «Асар лаҳзаи тарабу нишоти инсон, сеҳру қудрат, назокату нафосати санъати мусиқӣ ва ҳамбастии онро дар рӯзгори одамон возеҳу равшан таҷассум мекунад. Рассоми дақиқназару соҳибзавқ ба воситаи сангҳои рангоранг муҷассамаи ҷавонмардони санъатдӯстро, ки гӯё аз навои тарабангез рақс доранд, хеле ҳам нозуку табиӣ офарида тавонистааст. Хати сюжет, композитсия, фалсафаи асарро зебоии санъату инсон дар бар мегирад, ки муаллиф ин маънӣ ва нияти худро ба дӯстдорони санъати тасвирӣ бо забони сангҳо хеле одӣ, дилкашу ҷозиб нақл кардааст».

Номзади илми санъатшиносӣ Н. Белинская асари «Навои Шашмақом»-ро баландтарин комёбии Асрор Аминҷонов меҳисобад: «Кӯшишу заҳмат ва ҷустуҷӯҳои эҷодии рассомро дар мавзуи «Мусиқӣ ва рақс» таҳлилу мушоҳида карда, гуфтан мумкин, ки дар ин кор истеъдоди нотакрори худро нишон додааст. Барои анҷоми ин кор Асрор бисёр заҳмат кашид, лоиҳаашро баъд аз муҳокима дар Иттифоқи рассомон чанд маротиба такмил дод. Зимни мусоҳиба дар рӯзномаи «Халқ овози» хабарнигор Улмас Ҷамолов аз рассом мепурсад, ки: «...барои офаридани асари кошинкории бошукӯҳи Шумо чӣ қадар санг истифода шудааст?

- Танҳо аз сангҳо 76 тонна, - хандида гуфтааст рассом. Дар баъзе ҳолатҳо аз таркиби харсангҳо ҷудо намудан, кашонда оварда дар як ҷо ҷамъ кардани онҳо чӣ қадар заҳматро талаб мекунад?».

«Пештоқи бинои телевизиони «Сафина»-ро асари тасвирии устод А. Аминҷонов «Навои Шашмақом» оро медиҳад, ки аз мозаика - сангҳои рангаи табиӣ сохта шудааст ва устод нахустин ва охирин рассомест, ки дар ин самт кор мекард ва ин асар яке аз шоҳасарҳо ба шумор меравад», - навиштааст Рассоми халқии Тоҷикистон Сабзаалӣ Шарифов.

Вақте ин сатрҳоро менавиштам, хабар ёфтам, ки ширкати паймонкори иншооти маркази тиҷоратии нав ваъда додааст, ки мозаика (наққошӣ дар санг) ё худ асари таърихии «Навои Шашмақом»-ро тахриб накарда, онро дар ҷойи нав мегузорад. Масъули ширкати бинособ изҳор кардааст, ки бо супориши Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон он барои наслҳои оянда ҳифз мешавад. Эҳё ва нигоҳдории асари нодири рассом Асрор Аминҷонов нишони фарҳангпарварии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аст.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 422551 | Муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии Обшорон» | Таъмири ҳоҷатхона, утоқи корӣ ва насби дарвозаи бинои Муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии Обшорон» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 09.06.2024 16:50:00 |
| 2 | 422553 | Муассисаи давлатии махсусгардонидашудаи табобати хонаи кӯдакон дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 58 | 20.06.2024 17:45:00 |
| 3 | 422544 | Шуъбаи фарҳанги ноҳияи Роштқалъа | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 08:30:00 |
| 4 | 422554 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул | Таъмири ҷории бинои Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул дар шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 08:30:00 |
| 5 | 422558 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон | Таъмири беморхонаи марказии ноҳияи Ҷ.Балхӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 08:50:30 |
| 6 | 422560 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мумфарш намудани қабати 2-юми қисмати роҳи автомобилгарди Гулистон - Кӯлоб (қитъаи Гулистон - Меҳробод 3,2 км) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 09:00:00 |
| 7 | 422561 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳраки Ёвон» | Таъмири куллии бинои ошхона ва сохтмони ошхонаи мавсимии Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳраки Ёвон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 09:00:50 |
| 8 | 422565 | Муассисаи давлатии маркази ҷумҳуриявии тавонбахшӣ ва будубоши доимии пиронсолон ва маъюбон дар ноҳияи Кӯшониён | Сохтмони ҳоҷатхона барои 4 ҷои нишаст дар Муассисаи давлатии маркази ҷумҳуриявии тавонбахшӣ ва будубоши доимии пиронсолон ва маъюбон дар ноҳияи Кӯшониён | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 09:10:10 |
| 9 | 422567 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Маҷмӯи тӯҳфаҳо (кундал ва қуттии ҷӯбӣ барои меваҳои хушк) | Озмуни кушод | Мол | 3 | 21.06.2024 09:20:00 |
| 10 | 422563 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории «Бинои маъмурии МДНРА-и ноҳияи Балҷувон» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 21.06.2024 09:30:00 |
| 11 | 422564 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Таҷҳизоти компютерӣ ва печи барқӣ хушккунӣ | Озмуни кушод | Мол | 20 | 21.06.2024 09:30:00 |
| 12 | 422572 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Кӯрпа | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 11:00:30 |
| 13 | 422576 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази технологияҳои иттилоотии молиявӣ» | Гузаронидани аудит дар тамоми инфрасохтори «IT»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази технологияҳои иттилоотии молиявӣ»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 21.06.2024 11:15:00 |
| 14 | 422579 | Муассисаи давлатии «Хонаи кӯдакони №2»-и ш. Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 43 | 21.06.2024 12:00:00 |
| 15 | 422580 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Таъмиру тачдиди китобхонаи бинои таълимии №15 барои ташкил намудани кафедраи анатомияи одам | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 13:00:00 |
| 16 | 422582 | Муассисаи давлатии таълими томактабии ширхоргоҳ - кӯдакистони №1-и «Лола» | Сохтани айвон дар саҳни ҳавлии МДТТ ширхоргоҳ-кӯдакистони №1-и «Лола»-и шаҳри Ваҳдат | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 13:00:00 |
| 17 | 422583 | Корхонаи воҳиди давлатии Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Моноблокҳо, принтерҳо ва дастгоҳҳои телефонӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 21.06.2024 13:15:00 |
| 18 | 422584 | Корхонаи воҳиди давлатии Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | POS-терминалҳо | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 13:30:00 |
| 19 | 422578 | Муассисаи давлатии тандурустии Маркази солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ | Таъмири бинои Муассисаи давлатии Маркази солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 14:27:27 |
| 20 | 422586 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 14:30:00 |
| 21 | 422585 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Сангвор | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ ва таҷҳизоти нарм | Озмуни кушод | Мол | 31 | 21.06.2024 14:40:18 |
| 22 | 422566 | Маркази саломатии ноҳияи Рӯшон | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 2 | 21.06.2024 15:00:00 |
| 23 | 422568 | Муассисаи давлатии идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди ВМКБ | Шағалпӯшкунии роҳи автомобилгарди ҷумҳуриявии Хоруғ-Ишкошим аз км 16 то км 18, аз км 29 то км 31 | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 15:00:00 |
| 24 | 422571 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Мурғоб | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.06.2024 15:00:00 |
| 25 | 422577 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Шуғнон | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 2 | 21.06.2024 15:00:00 |
| 26 | 422587 | Корхонаи воҳиди давлатии «Сарраёсати ободонӣ, кабудизоркунӣ, обтаъминкунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Роғун | Таъмири ҷорӣ дар бинои КВД «СОКО ва ХМК»-и шаҳри Роғун | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.06.2024 15:00:00 |
| 27 | 422588 | МД «Маркази шаҳрии илмии реаниматсия ва детоксикатсия» | Маводи дезинфексионӣ, диализатор ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 21.06.2024 15:00:00 |
| 28 | 422546 | Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон-Яғноб»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Ангишти Тоҷик» | Қисмҳои эҳтиётии экскаватор | Озмуни кушод | Мол | 43 | 21.06.2024 16:00:00 |
| 29 | 422574 | Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 24.06.2024 09:49:07 |
| 30 | 422573 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи №1-и ҷамоати деҳоти Даштигуло» | Курсии дандонпизишкӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 24.06.2024 09:49:18 |
| 31 | 422575 | Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара | Маводи хӯрока, дарахт, симтӯр, трактор мотоблок ва пояҳои бетонӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 24.06.2024 09:50:18 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

